ХУЛОСАИ

**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-024 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ**

**Парвандаи аттестатсионии №____________**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 12.06.2024, таҳти № 2**

Дар бораи сазовор донистани Маҳмадкулова Рано Олимовна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих

Диссертатсия дар мавзӯи «**Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX - аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо**», аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ санаи 28 марти соли 2024, суратмаҷлиси № 1 шурои диссертатсионии **6D.КОА-024** назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7.01. 2022, № 24/шд) ба ҳимоя қабул кардааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Маҳмадкулова Рано Олимовна, соли таваллудаш 1972, соли 2007 факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро хатм намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: Самиев Холаҳмад Давлатович – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ**: **Набизода Ваҳҳоб Машраб** — доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи

давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

Меҳроҷиддин Насриддин - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири шуъбаи ИДМ- и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, номзади илмҳои таърих, дотсент К. А. Қудратов, номзади илмҳои фалсафа, дотсент Давлиёрова С.Т., муовини директор оид ба илм ва таълими Институт н.и.т., А.Ш. Раҳмонзода имзо ва аз ҷониби Директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, доктори илмҳои фалсафа Ҳайдарзода Р.Ҷ. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Мамадкулова Р.О. бо дарназардошти навгонии илмӣ, мубрамият, аҳаммияти назариявӣ ва амалияш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, муаллифи он Мамадкулова Рано Олимовна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мебошад.

Унвонҷӯ муаллифи 6 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

1-[М] Мамадқулова Р.О. Бардоштҳои суннатӣ ва навгаро дар таҳлили сиёсати хориҷии Тоҷикистон" [ Матн] / Р.О. Мамадқулова //Ахбори ДДҲБСТ, №4 (77) 2018. – С.126-133.

[2-М] Мамадқулова Р.О. Аз таърихи робитаҳои иҷтимоӣ, иқтисодии Точикистон ва Ӯзбекистон дар солҳои 20-90-уми асри ХХ" [ Матн] / Р.О. Мамадқулова // Номаи Донишгоҳ. № 1( 74) 2023. – С. 51-57.

[3-М] Мамадқулова Р.О. Шароитҳо ва манфиатҳои нави ҳамкориҳо байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон. [ Матн] / Р.О. Мамадқулова // Паёми Донишгоҳи забонҳо, № 4 (52), 2023 – С. 319 – 325.

[4-М] Мамадқулова Р.О. Пешвои миллат ва ҳамкориҳои ду кишвари ҳамсоя" [Матн] / Р.О. Мамадқулова // "Иҷлосия – Парвозгоҳи Пешвои миллат", Хуҷанд, 2023. – С.181- 188.

**II. Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конфронсҳо**

[5-М] Мамадқулова Р.О. Кишоварзон. Муносибати бераҳмона бо об // Маводи конфронси илмӣ-амалӣ бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор (2018-2028)", Бӯстон, 2018.

[6-М] Мамадқулова Р.О. "Чеҳраҳои мондагор"-и Эмомалӣ Раҳмон – тарғибгари мероси ниёгон // Конференсияи байналмилалӣ дар мавзӯи "Масоили мубрами фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ ва дақиқ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва фарогирии COVID-19"/ 25 декабри соли 2020, ш. Панҷакент.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд аз:**

1. Доктори илмҳои таърих, мудири кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ҳомидзода Ф.М. Тақриз мусбат, эрод надорад.

2. Номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ Шарофов Э.У. Тақриз мусбат, эрод надорад.

3. Номзади илмҳои таърих, дотсент, декани факултети ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров Ҷабборзода И.Р. ва номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики донишгоҳи мазкур Абдукаримов Ҷ.А. Тақриз мусбат, эрод надорад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ**: Масъалаҳои махсусият ва шароити ташаккули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар даврони истиқлолият **коркард карда шуд.**

Масъалаҳои муносибатҳои ду давлат дар соҳаҳои сиёсат, фарҳанг, иқтисодиёт ва иҷтимоиёт ва тағйиротҳо дар давраи таҳқиқшуда байни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон **ҷорӣ карда шуданд.**

**Исбот карда мешавад,** ки бори аввал дар илми муносибатҳои байналхалқӣ ва сиёсати берунӣ таърихи ташаккули муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо назардошти шароит ва хусусиятҳои хос, аз ҷумла мавқеъгириҳои бардоштҳои ҳар ду давлат ва масоили дуҷонбиа ва бисёрҷониба баррасӣ ва таҳлил гардидаанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он асоснок карда шудааст, ки** пеш аз ҳама барои омӯзгорони соҳаҳои таърих, сиёсатшиносӣ,

мардумшиносӣ дар муассисаҳои таълимии олии касбӣ, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад, зеро дар он заминаҳо, ҷанбаъҳо, равандҳо, шароит ва имкониятҳои ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳои ҳамҷавор таҳлил ва таҳқиқ карда шудаанд. Дар баробари ин таҳлилҳо, хулосаҳо ва натиҷаҳои мавзуи баррасишуда метавонанд барои муҳаққиқони ҷавон дар омузиш ва таҳқиқи масъалаҳои монанд ва наздик ҳамчун дастури назариявии такягоҳӣ хизмат кунанд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок** асосҳои методологии таҳқиқотро равиши маъмули системавӣ ва муқоисавӣ-таърихӣ ва дигар услубу методҳои роиҷ дар илми равобити байналмилал ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон истифода гардиданд.

Моҳияти "сиёсати дарҳои кушод" ва дипломатияи бисёрсамтии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар бартараф намудани мушкилот ва душвориҳо дар робитаҳои ду кишвари ҳамсоя **ошкор карда шудааст**.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** дар фаъолияти ҳаррӯзаи мутахассисони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ зуҳур меёбад. Азбаски дар рисола шароит, хусусият ва имкониятҳои ду ҷумҳурӣ таҳқиқ шудаанд, масъулони соҳаҳо метавонанд дар асоси тавсия ва пешниҳодҳои ироашуда фаъолияти хешро ба роҳ монанд. Азбаски замони ҷаҳонишавии робитаҳо уфуқҳои тозаи ҳамкориҳоро равшан мегардонад ва шароити амалии ҷадид ба миён меояд, таҷрибаи андӯхтаи ҳамкориҳои мутақобилан судманди Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар ин марҳила мазмуни амиқ касб намуда паёмади хуше ба бор меоваранд ва намунае барои дигар ҳамсояҳо мебошанд.

**Муайян гардид, ки** Тоҷикистон ва Узбекистонро бо ҳам риштаҳои зиёди таърихиву фарҳангӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ мепайвандад ва дар даврони соҳибистиқлолӣ сатҳи муносибату ҳамкориҳо ин қаробату

алоқамандиҳоро бори дигар собит сохт; сардӣ ва рукуд дар муносибатҳои ҳар ду мамлакат боиси зуҳури мушкилиҳои нав дар муносибати байниҳамдигарии онҳо гардид, ки ба рушди иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон таъсири манфии худро расонд; раванди гузариш аз ҳолати сардӣ ба муътадил шудани ҳамкориҳо, ки пеш аз ҳама бо талошу кушишҳои пайгиронаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Роҳбари давлати ҳамсоя муҳтарам Шавкат Мирзиёев имконпазир гардиданд, барои ба вуҷуд омадани фазои нави эътимод ва ҳамкориҳои судманд дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ заминаи нав фароҳам оварданд; Шароити нави муҳайёгашта барои муттаҳид гардонидани имконияту захираҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар роҳи таъмини амният ва суботи минтақа ва рушди минбаъдаи ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба заминаи устувори сиёсиву байнал-халқӣ эҷод карданд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки онҳо бо маълумоти дақиқ аз сарчашмаҳои расмӣ, ҳаҷми маводи тадқиқотӣ ва таълифоти муаллиф асоснок мегардад. Дар натиҷаи таҳлилҳои илмӣ хулосаву тавсияҳои зарурӣ ва самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон пешниҳод шудаанд.

**Ғоя дар пояи** таҳқиқи руйдодҳо ва вижагиҳои муҳимми ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрҷонибаи Тоҷикистон бо Ӯзбекистон дар охири асри XX ва даҳсолаҳои аввали асри XXI **асоснок шудааст.**

Дар диссертатсия, пеш аз ҳама осору нутқҳо, баромадҳо, паёмҳои Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, осори академик Т.Н. Назаров, Ҳ. Зарифӣ, Сироҷиддин Муҳриддин, А. Сатторзода, З. Сайидзода, А. Шарифзода, аз ҷумла, осори академикҳои тоҷик Б. Ғ. Ғафуров, З. Ш. Раҷабов, адабиётшиноси узбек Э. Шодиев, муаррихи варзида З. Богуманова, А. Раҳмонзода, инчунин корҳои илмию таҳқиқотии олимони тоҷику узбек ва олимони хориҷӣ, ки дар онҳо паҳлуҳо ва самтҳои гуногуни ҳамкориҳои

дучониба ва бисёрчонибаи Тоҷикистону Узбекистон инъикос ва таҳлил шудаанд, **истифода шудаанд**.

Заминаҳои таърихию сиёсӣ ва иҷтимоии ҳамкориҳои ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон **муайян шудаанд.**

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳамчунин тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия ифода меёбад.

Дар маҷлиси 12 июни соли 2024 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Мамадқулова Рано Олимовна бо дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ. Аз 16 нафар ба ҳайати шуро шомилбуда, овоз доданд: тарафдор - 15, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Акрамова С.Х.**
**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Умаров А.Қ.**
12.06.2024